# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи "Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи "Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ" дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1. - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба банди 1 – «Методологияи таҳқиқоти педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), банди 6 – «Консепсияи таълим» (равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), банди 7 – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ) мутобиқат мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Муаллифи диссертатсия дар таҳқиқоти худ масъалаҳои назариявӣ, амалӣ ва методии истифодаи технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоиро тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ баррасӣ намудааст.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ таъкид кардааст, ки салоҳиятҳои асосӣ заминаи беназири шахсӣ буда, ба самаранокии таҳсил таъсир мерасонанд. Рушди онҳо барои хонандагони синфҳои болоӣ ҳам барои зиндагӣ ва ҳам касб муҳим аст, аз ин рӯ, омӯзгорон бояд ба он аҳамият диҳанд.

Тавре ки унвонҷӯй иброз кардааст, таҳқиқоти сотсиологӣ дар байни 120 омӯзгори шаҳри Кӯлоб ва атрофи он нишон дод, ки 87% ба рушди салоҳиятҳои асосӣ аҳамият медиҳанд, вале 34% мушкилот доранд. 92% бар он ақидаанд, ки истифодаи ТИК дар ин раванд зарур аст.

Истифодаи интернет дастрасӣ ба маълумотро осон мекунад, воситаҳои ТИК муоширатро муассир мегардонад ва автоматикунонии равандҳо вақтро сарфа мекунад. Ҳамзамон, мушкилоти марбут ба киберамният, омӯзиши доимӣ ва "бесаводии рақамӣ" вуҷуд доранд. Бо вуҷуди ин, ҳамгироии ТИК дар

ҷараёнҳои корӣ муҳим аст ва мутобиқшавӣ аз ҳама иштирокчиёни бозори меҳнатро талаб мекунад.

Муаллифи диссертатсия иброз кардааст, ки истифодаи усулҳои интерактивии таълим, технологияҳои бозӣ, лоиҳаҳо ва захираҳои интернетӣ ба рушди малакаҳои асосии хонандагон мусоидат мекунад. Ин усулҳо таълимро ҷолиб ва азхудкунии амиқро таъмин мекунанд. Масалан, муҳокимаҳои гурӯҳӣ ва бозиҳои нақшӣ тафаккури интиқодӣ ва ҳамкориро инкишоф медиҳанд. Захираҳои интернетӣ дастрасиро ба маълумот васеъ карда, малакаҳои таҳқиқотиро тақвият медиҳанд. Ин омезиш тафаккур, мутобиқшавӣ ва омодагии доимиро дар донишҷӯён ташаккул медиҳад, ки дар ҷаҳони муосир муҳим аст.

Хулоса, аз як ҷониб, мубрамӣ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии масъалаи баррасишаванда ва, аз ҷониби дигар, мавҷуд набудани таҳқиқот дар самти рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ, интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Мисрализода Фирӯза Назримадро асоснок менамоянд.

**Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар муқаррар намудани аҳамияти салоҳиятҳои калидии хонандагон ва зарурати истифодаи васеи абзорҳои ТИК дар таҳсилоти муосир зуҳур меёбад. Таъкид мегардад, ки истифодаи ТИК дар синфҳои болоӣ аҳамияти хоса дошта, абзорҳои педагогӣ бояд ба хусусиятҳои салоҳиятҳои асосӣ мувофиқ бошанд. Ҳамчунин, зарурати ба инобат гирифтани вазъиятҳои мушаххаси педагогӣ ва дастгирии методӣ таъкид шуда, исбот карда мешавад, ки истифодаи ТИК муҳити мусоиди фаъолияти муштаракро фароҳам оварда, самаранокии раванди таҳсилотро баланд мебардорад.

Зеро муҳаққиқон қайд мекунанд, ки муҳити таҳсилоти рақамӣ имконият медиҳад, ки ба таври инфиродӣ муносибат кардан ба хонандагон, баланд бардоштани дараҷаи ҷалби онҳо ба раванди таълим ва таъмини дастрасии дониш ва захираҳои таълимӣ дар вақти дилхоҳ таъмин карда шавад. Аз ҷумла, истифодаи платформаҳои таълимии интерактивӣ, воситаҳои ҳамкори маҷозӣ ба рушди салоҳиятҳои муҳим, аз қабили тафаккури интиқодӣ, ҳалли масъалаҳо ва ҳамкорӣ мусоидат мекунанд Ҳамзамон, таъкид мешавад, ки барои самаранок истифода бурдани ТИК, омӯзгорон бояд дорои салоҳиятҳои касбии зарурии ТИК бошанд ва аз усулҳои муосири таълим бо истифода аз ТИК огоҳ бошанд. Истифодаи

ТИК дар синфҳои болоӣ имкон медиҳад, ки хонандагонро барои ҳаёт дар ҷомеаи иттилоотӣ ва иқтисоди рақамӣ омода созем.

Нуктаҳои асосие, ки аз ҷониби диссертант дар панҷ банд ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, дар баробари бархурдорӣ аз тозагӣ, муҳимму мубрам будан, инчунин ҷусторҳову ковишҳои дақиқи муаллифи диссертатсияро шарҳу тафсир мекунанд, ки дар асоси мутолиаи пурра ва амиқи осори мавриди таҳқиқи ӯ ба даст омадаанд. Зеро ба таъкиди муаллифи диссертатсия истифодаи васеи абзорҳои технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ва шабакаи Интернет дар таълим, бахусус дар ташаккул ва рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ, як самти муҳими пешрафти низоми таълим ба шумор меравад.

Дар ташаккул ва амалисозии амсилаи педагогӣ, нақши омӯзгор ҳамчун омили муайянкунанда арзёбӣ мешавад. Дараҷаи маҳорати омӯзгор дар иҷрои вазифаҳои идоракунӣ, ташкилӣ, методӣ ва дигар вазифаҳо ба сифати раванди таълим таъсири бевосита мерасонад. Муҳим аст, ки дастгирии методии истифодаи абзорҳои ТКТ ва шабакаи Интернет дар раванди ташаккул ва рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ бо усули универсалӣ, касбият, мубрамӣ, маҷмуӣ ва муназзамӣ амалӣ карда шавад. Ин дастгирӣ бояд ҳамаҷониба буда, тамоми ҷанбаҳои азхудкунии салоҳиятҳои калидии хонандагонро фаро гирад.

Дар байни салоҳиятҳои асосии хонандагони муосир, салоҳияти иттилоотию технологӣ бештар возеҳу аён аст. Ин ҳолат бешубҳа бо раванди густардаи рақамисозӣ шарҳ дода мешавад, ки на танҳо ба раванди таҳсилот, балки ба фаъолияти ҳаётии муқаррарии кӯдакон низ таъсир мерасонад.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо он исбот мешавад, ки:

- натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бар пояи таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи мушкилоти мавҷуда асос ёфтаанд. Ин таҳлил бо истифода аз нуқтаҳои назари таҳқиқоти бунёдии психологию педагогӣ ва методологӣ анҷом дода шудааст, ки ба таври мукаммал дарки масъала ва роҳҳои ҳалли онро фароҳам меорад;

- барои таҳқиқот маҷмӯи усулҳои иловагии такмилдиҳандаи якдигар истифода шудаанд, ки ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошанд. Ин усулҳо ҳам методҳои арзёбии сифатӣ ва ҳам миқдориро дар бар мегиранд, ки имкон медиҳанд маълумот аз ҷанбаҳои гуногун омӯхта шавад. Шарҳу тафсири дақиқи маълумот эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин мекунад;

- натиҷаҳои бадастомада бо муваффақият дар фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ карда шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки таҳқиқот на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок аст, балки дар амал низ самарабахш мебошад. Ҷорӣ намудан дар амал барои муайян намудани мутобиқати натиҷаҳо ба шароити воқеӣ ва имкони татбиқи онҳо мусоидат мекунад;

- хулосаҳои пешниҳодшуда дар заминаи таҳия ва татбиқи гунаи сифатан нави беназири озмоишии фаъолияти педагогӣ ба даст омадаанд. Ин гунаи озмоишӣ имкон медиҳад, ки равандҳои таълимӣ ва тарбиявӣ аз диди нав омӯхта шаванд ва ба ин восила, ба хулосаҳои тозае оварда расонанд;

- навгонии илмӣ, ҳамчунин, дар тасвияти хулосаҳои мубрам ва мувофиқати онҳо ба шароити воқеии таълим зоҳир мегардад. Хулосаҳо на танҳо арзиши назариявӣ доранд, балки ба эҳтиёҷоти амалии муассисаҳои таълимӣ ҷавобгӯ мебошанд ва барои беҳтар намудани сифати таълим мусоидат мекунанд;

- таҳқиқот аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки он ба таври амиқ ва ҳамаҷониба масъалаи муҳимро омӯхта, усулҳои муосири таҳқиқотиро истифода бурда, дар амал натиҷаҳои мусбат нишон додааст. Илова бар ин, таҳқиқот дар асоси гунаи нави озмоишӣ гузаронида шуда, хулосаҳои мубрам ва мувофиқ ба шароити воқеиро пешниҳод менамояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамии муаммои таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, предмет, ҳадаф, фарзия, вазифаҳои он муайян шудаанд. Асосҳои методологӣ, марҳилаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян шуда, навоварӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд. Довталаб талош варзидааст, ки тамоми таҳқиқоти пешинро, ки ба мавзуи мавриди баррасӣ иртибот доранд, ҷудогона тасниф намуда, муҳтавои онҳо ва мавқеи ҳар як пажуҳишро дар робита ба масъалаи таҳқиқ муайян созад.

Боби якум "Ҷанбҳои назариявии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути технологияҳои рақамӣ" ном дошта, аз се зербоб иборат буда, аз он ҷумла, дар он вижагиҳои моҳият ва тавсифоти алоҳидаи салоҳиятҳои асосӣ бо такя ба аҳамияти беназири амалии онҳо, маҳз барои хонандагони синфҳои болоӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Қайд карда шудааст, ки барои педагогикаи ватанӣ истилоҳи «салоҳиятҳои асосӣ» нисбатан нав ба назар мерасад, зеро он камтар аз ним аср пеш маъмул гардида, мавзуи омӯзиш қарор гирифта буд. Имрӯз аҳамияти амалии салоҳиятҳои асосӣ ва таъсири қобили мулоҳизаи онҳо ба ҷанбаҳои гуногуни

фаъолияти ҳаётии инсон аллакай аён аст ва ин бори дигар мубрамии мавзуи муайяншудаи таҳқиқотро тасдиқ мекунад. Ҳамчунин, нуқтаи назар ва мавқеъҳои гуногуни олимон – омӯзгорону психологҳо мавриди таҳлил карор дода шудааст, ки мавзуи таҳқиқ салоҳиятҳои асосӣ, моҳият ва вижагиҳои онҳо мебошад.

Боби дуюм ки “Шароити педагогии ташаккули бомуваффақияти салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути технологияҳои рақамӣ” ном дорад, баъзе тавсифоти беназири психологию педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз захираҳои шабакаи Интернетро ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Аз он ҷумла, муаллиф шароити мушаххаси педагогиеро, ки барои лоиҳакашии муносиби муҳтаво, шаклҳо ва методҳои ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ мувофиқанд, баррасӣ кардааст. Иброз карда шудааст, ки лоиҳакашии муҳтаво, шакл ва методҳои ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ худ як раванди дарозмуддат ва мураккабест, ки аз маҷмуи унсурҳои ба ҳам алоқаманд иборат аст. Дар ин раванд нақши асосӣ ба омӯзгор тааллуқ дошта, натиҷаи ҷамъбастии фаъолият бештар ба дараҷаи тахассус ва маҳорати касбии ӯ вобаста мебошад.

Дар боби сеюми диссертатсия бо номи “Кори озмоишӣ оид ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути технологиҳои рақамӣ” муаалиф амсилаи педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ бо истифода аз абзорҳои ТИК ва шабакаи Интернет дар муҳити муассисаи таҳсилоти умумӣ таҳия ва тасвиб намудааст. Ҳамин тавр, заербоби якуми боби мазкур ба омӯзиши маълумоти ташхис ваозмоиш дар сатҳи аввалия, ки пеш аз оғози худи озмоиш ба даст омадаанд, бахшида шудааст.

Муаллифи диссертатсия таъкид кардааст, ки салоҳияти иттилоотию технологӣ дар байни иштирокдорони ҳарду гурӯҳ равшан аст, ки бештар рушдёфта будааст ва ин ба истифодаи густардаи гаҷетҳо ва дигар абзорҳои ТИК дар фаъолияти маишии ҳаррӯза вобаста аст. Минбаъд ин ақида дар чаҳорчӯбаи амалисозии озмоиш низ тасдиқ карда шудааст.

Ба андешаи мо, тавсифи муфассали озмоиши ташкилнамудаи муаллиф хеле арзишманд аст. Муаллиф қисми озмоишии таҳқиқотро бо расм, диаграмма ва ҷадвалҳо ғанӣ гардонидааст, ки бисёр аҳаммиятнок буда, натиҷаи корҳои озмоиширо ба таври аёнӣ нишон медиҳад. Натиҷаҳои корҳои озмоишии дар диссертатсия тавсифшуда оид ба самаранокӣ ва мувофиқи мақсад будани истифодаи корҳои анҷомдодашуда дар фаъолияти амалӣ шаҳодат медиҳанд.

Хулоса аз 10 банд иборат буда, тавсияҳои амалӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот хеле арзишманд мебошанд. Диссертант Мисрализода Фирӯза ба хулосае омадааст, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ дар рушди салоҳиятҳои хонандагон хеле муҳим буда, бояд дар раванди таълиму тарбия дар муассисаи таълимӣ татбиқ карда шаванд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда имкон додааст, ки самаранокии маҷмуи шароитҳои педагогӣ дар рушди салоҳиятҳои асосӣ ва рақамии хонандагон ба таври озмоишӣ санҷида шавад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия дар мавзуи "Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ" дар он аст, ки таҳқиқоти мазкур ба назария ва амалияи педагогика дар шароити ҷаҳонишавӣ ва инқилоби чоруми саноатӣ саҳми арзишманд мегузорад. Дар замони ҳозира, рушди салоҳиятҳои асосӣ аз ҷумлаи салоҳиятҳои иттилоотӣ, коммуникативӣ, мушкилкушоӣ ва худтанзимкунӣ барои муваффақияти хонандагон дар таҳсил ва ҳаёти оянда ниҳоят муҳим аст. Аз ин рӯ, ин таҳқиқот метавонад роҳҳои навро барои истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим пешниҳод намояд.

Аз ҷиҳати амалӣ, натиҷаҳои диссертатсия метавонанд барои омӯзгорон, муаллимони фаннӣ, методистон ва кормандони соҳаи маориф дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, воситаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва маводҳои таълимӣ истифода шаванд. Таҳия ва татбиқи технологияҳои муосири рақамӣ дар таълим имкон медиҳад, ки раванди таълим ҷолибтар, фарогиртар ва мувофиқтар ба ниёзҳои хонандагони имрӯза гардад. Илова бар ин, таҳқиқот метавонад барои ташкили курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дар самти истифодаи технологияҳои рақамӣ дар таълим муфид бошад.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ дар таълим метавонад ба сарфаи маблағҳои давлатӣ оварда расонад. Масалан, истифодаи китобҳои электронӣ, манбаъҳои таълимии онлайн ва платформаҳои таълимии интерактивӣ метавонад хароҷоти марбут ба чопи китобҳо ва дигар маводҳои таълимиро коҳиш диҳад. Инчунин, таълими фосилавӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ метавонад дастрасии таҳсилотро барои хонандагоне, ки дар минтақаҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд, осонтар намояд.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, таҳқиқот метавонад ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии иттилоотии ҷомеа мусоидат намояд. Хонандагоне, ки қобилияти истифодаи самараноки технологияҳои рақамиро доранд, дар муҳити рақамӣ

бештар муваффақ хоҳанд буд ва метавонанд дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ саҳм гузоранд. Ғайр аз ин, таҳияи технологияҳои рақамии таълимӣ, ки ба фарҳанг ва забони маҳаллӣ мутобиқ карда шудаанд, метавонад эҳсоси ватандӯстиро дар байни хонандагон тақвият бахшад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Мисрализода Фирӯза ба рушди устувори низоми таҳсилот тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ мусоидат намуда, ба татбиқи муқаррароти Стратегияҳои миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 мусоидат хоҳад кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 10 номгӯй мақолаҳои илмӣ, ки 3 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд. Ба таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки маводи нашрнамудаи диссертант меҳвари аслӣ, натиҷаҳо ва мундариҷаи комили диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи ин мавзуи муҳим ва қобили аҳаммияти илмӣ собит месозад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**. Диссертатсия ва автореферати Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи “Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ” тибқи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст, ба расмият дароварда шуда, ба талабот ҷавобгӯ аст.

Дар автореферат мубрамӣ ва мақсади кор муайян гардидааст; методҳои таҳлили назариявӣ тавсиф гардидаанд; навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои ҳосилшуда асоснок гардидаанд; нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия пешниҳод гардидаанд; сохтор ва ҳаҷми диссертатсия, муҳтавои мухтасари бобҳо, натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот тавсиф гардидаанд. Автореферат ва корҳои нашршудаи муаллифи диссертатсия ба дараҷаи кофӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №270 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

***Камбудӣ ва эродҳо.*** Бо вуҷуди баҳои мусбат, ки дар тақриз баён гардидааст, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ҳалатҳои техникӣ, имлоӣ, грамматикӣ ҷой доранд, дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1) Дар баёни мубрамияти мавзуъ ишора ба тағйироти куллӣ дар манзараи муосири меҳнат ва аҳамияти рақамисозӣ оварда шуда бошад ҳам, таносуби ин масъала бо салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ ба таври возеҳ муайян нашудааст. Зарур аст, ки робитаи мушаххаси байни талаботи бозори меҳнат дар шароити рақамисозӣ ва зарурати ташаккули салоҳиятҳои мувофиқ дар хонандагон нишон дода мешуд.

2) Дар таҳлили адабиёт ба корҳои муаллифон ишора шудааст, ки ба ҷанбаҳои гуногуни педагогикаи мактабӣ, психологияи рушд, истифодаи технологияҳои педагогӣ ва дастгирии методӣ бахшида шудаанд. Аммо, барои баланд бардоштани эътибори илмии диссертатсия бояд ба таҳқиқоти сотсиологӣ, оморӣ ва таҳлилии мушаххас, ки дар сатҳи маҳаллӣ ё миллӣ оид ба масъалаи ташаккули салоҳиятҳои асосӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ гузаронида шудаанд, истинод карда мешуд. Ин имкон медод, ки доираи назариявии таҳқиқот васеътар гардад.

3) Дар вазифаҳои таҳқиқот ба омӯзиши вижагиҳои ташкили дастгирии методии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ ишора шудааст. Ин вазифа, дар навбати худ, муайян кардани шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои мушаххаси дастгирии методиро тақозо мекунад. Дар ин самт, хуб мебуд, нишон дода шавад, ки чӣ гуна дастгирии методӣ ба омӯзгорон дар истифодаи захираҳои шабакаи Интернет барои ташаккули салоҳиятҳои мушаххас, аз қабили тафаккури интиқодӣ, ҳамкорӣ ва муоширит мусоидат мекунад.

4) Дар баёни фарзияи таҳқиқот як қатор шароитҳо пешниҳод шудаанд, ки иҷрои онҳо ба ташаккули муассири салоҳиятҳои асосӣ мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, барои тақвияти фарзия, зарур буд, ки механизмҳои таъсири шароитҳои пешниҳодшуда ба раванди ташаккули салоҳиятҳо тавсиф карда шаванд.

5) Дар диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоӣ, техникӣ, грамматикӣ ва дар баъзе ҷойҳо риоя нашудани Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳанд кард.

Албатта, ин ҳама камбудиҳои мазкур ҳаргиз ба арзишу аҳаммияти илмии диссертатсия таъсир намегузоранд. Боэътимод метавон изҳор дошт, ки

диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад ба яке аз мавзуоти муҳим ва қобили аҳаммияти педагогикаи миллӣ бахшида шуда, ҳадафҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда пурра ҳалли худро ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи "Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ", ки ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** доктори
илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи барномасозӣ ва низоми зеҳнии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Мирзоев Абдулазиз Раджабович

«12» феврали соли 2026.

Адрес: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5;
Тел. +992 2348802, +992918636113;
Суроғаи электронӣ: aziz69@mail.ru

Имзои Мирзев Азиз Раҷабовичро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷӯраев Ш.Н.